**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзо, ки дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзо ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии тоҷик – таҳлили муқоисавии ҳузворишҳои «Бурҳони қотеъ» бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ аз чанд ҷиҳат арзишманд аст: аввал ин ки мутолиакунанда бо зикри ҳузворишҳо, ки дар сарчашмаҳои лексикографӣ бо унвони «Занд»-у «Позанд» зикр шудаанд, огоҳӣ пайдо мекунад; дигар ин ки доир ба гардиши ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои гуногун, аз ҷумла забонҳои матрук, омилҳои роҳ ёфтани онҳо ба гурӯҳи забонҳои эронӣ мутталеъ мегардад. Соҳиби рисола бо назардошти мавриди тадқиқ қарор нагирифтани ҳузворишҳо ва тадриҷан ба ҳукми фаромӯшӣ рафтани онҳо зарур шуморида аст, ки ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ дар асоси маводи фарҳанги «Бурҳони қотеъ» ба риштаи таҳқиқ кашида шаванд.

Бинобар ин, таҳлилу тадқиқи вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд», ки то имрӯз дар забоншиносии тоҷик собиқаи кам доранд, яке аз мавзуъҳои муҳимму саривақтист. Дар диссертатсия таваҷҷуҳи муҳаққиқ бештар ба муқоисаи маъноӣ ва шаклии ҳузворишҳо бо вожаҳои аслии тоҷикӣ, вижагиҳои ҳаммаъноии онҳо бо калимаҳои арабӣ ва гардииши ҳузворишҳо дар забонҳои гуногуни дунё, аксар забонҳои матрук, нигаронида шудааст.

Арзиши дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ кӯшидааст, қариб ҳамаи ҳузворишҳоро дар луғатномаҳои қаблӣ ва ҳамасри «Бурҳони қотеъ» ва дигар сарчашмаҳои муҳимми шинохти ҳузворишҳо, инчунин маъхазҳои решашиносӣ қиёс карда,

бардоштҳои илмии хешро баён намояд. Масъалаҳои муҳимми дигари ишорашуда, ки дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, бешак, арзиши назариявии онро баланд бардоштаанд.

Навгонии диссертатсия дар он зоҳир гардидааст, ки диссертант бори аввал дар забоншиносии тоҷик ҳузворишҳоро дар заминаи маводи луғатнома дар доираи рисолаи илмӣ аз чанд ҷиҳат ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Пажуҳиш дар заминаи сарчашмаи зиёди маводи фактологӣ таълиф гардидааст. Маводи дар доираи диссертатсия таҳлилшударо метавон ҳангоми таълифи васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз таърихи омӯзиши ҳузворишҳо, таърихи забони тоҷикӣ, масоили сарфии таърихи забони тоҷикӣ ва ҳамчунин барои таҳияи луғатномаҳои тафсирӣ, решашиносӣ ва грамматикӣ истифода бурд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он мебошад, ки натиҷаҳои бадастомада барои ғанӣ гардидани маводи осори таҳқиқии марбут ба таърихи забони тоҷикӣ ва ошкор шудани раванди таҳаввулоти онҳо мадад хоҳад расонид.

Хулосаҳои илмии диссертатсияро метавон дар таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ, таълифи фарҳангҳои тафсирии таърихӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода намуд.

Бо назардошти афзалиятҳои мазкур диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ иҷро гардидаанд. Нуктаҳои илмии

барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дорад ва онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба анҷом расонидааст.

Мавзуи интихобгардида ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи илмии ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи докторант (PhD) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзо дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон» кори мукаммали аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзозода Ноил Мирзо дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

- Юсуфов Абдулло Исмоилович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ.Б.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Нуров П.Г.

«12»-уми марти соли 2025-ум